**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**УДК: 347.7 (575.3)**
**ББК: 67.404**
**М – 31**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МАСИЕВ УМЕД ОКТАМОВИЧ**

# ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ: ПРОБЛЕМАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**ДУШАНБЕ – 2020**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) иҷро гардидааст**

**Роҳбари илмӣ:** **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Меликов Умрилло Асадуллоевич –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Пулатов Азамат Содиқҷонович –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе)**

Ҳимояи диссертатсия 1-уми декабри соли 2020, соати 14.00 дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо мазмуни рисола дар сомонаи китобхонаи маркази Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: www. tnu. tj метавон шинос шуд.

Автореферат «____»_________2020 ирсол гардид.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Азиззода У.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Бинобар эътирофи конститутсионии озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва васеъшавии доираи паҳншавии гардиши молу мулкӣ, фаъолияти иқтисодии шаҳрвандон ва дигар субъектони ҳуқуқи хусусӣ густариш меёбад. Дар пешниҳоди қарз, таъсиси ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ва ширкатҳо, инчунин истифодаи меҳнати кироя асосҳои гуногун пайдо мешаванд. Дар чунин шароит ноилшавӣ ба натиҷаи мусбат дар бисёр ҳолатҳо аз таҷрибаи кории муштарак ва малакаи касбӣ дар соҳаи истеҳсоли мол, хизматрасонӣ ва иҷрои кор вобаста аст. Мавҷуд набудани дониш ва таҷриба дар бисёр ҳолатҳо асоси қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ мегардад, ки метавонад ба манфиати шаҳрвандон зарар расонад. Бисёр иштирокчиёни гардиши молу мулкӣ далели касбияти соҳибкориро ба инобат намегиранд (қ. 3, м. 1 КГ ҶТ). Дар он соҳибкорони дурӯғин ё соҳибкоре, ки фаъолияти худро ғайриқонунӣ амалӣ месозанд, ошкор мегарданд.

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 18 майи соли 2009, № 508[1] дар Тоҷикистон тартиби нави бақайдгирии давлатии субъектони соҳибкорӣ ҷорӣ карда шуд, ки такроршавиро истисно карда, муайянсозии шумораи воқеии соҳибкоронро осон кард. Новобаста аз чораҳои амалинамудаи Ҳукумати ҶТ барои сабук кардани пайомади ногувори буҳрони молиявӣ зарурати қабули чораҳои иловагии мушаххас мавҷуд аст, ки ба расонидани ёрии воқеӣ ба соҳибкорӣ чун яке аз самтҳои ба рушди иқтисодии кишвар мусоидаткунанда, равона гардидааст.

Мутобиқи ҳисоботи ҳарсолаи Бонки Умумиҷаҳонии «Пешбурди бизнес», аз рӯйи натиҷаи ислоҳотҳои дар солҳои 2009 ва 2010 татбиқшуда ҶТ нишондиҳандаи худро то 25 нуқта беҳтар намуда, ба қатори даҳгонаи давлатҳои пешбар дар гузаронидани ислоҳот ворид гардид, ки ба ташкили шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ равона гардидаанд. Мақсади асосии гузаронидани ислоҳотро соддакунии расмиёти таъсисдиҳӣ ва фаъолияти корхона, мустаҳкамкунии ҳуқуқи моликият ва такмили расмиёти муфлисшавӣ, танзими баҳсҳои тиҷоратӣ ва беҳтарсозии шароити бақайдгирии давлатии корхонаҳо ташкил медод.

Сарфи назар аз тамоюлҳои мусбати рушди соҳибкорӣ дар ҶТ, як қатор омилҳое мушоҳида мешаванд, ки ба рушди соҳибкорӣ монеа

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – № 5. – М. 316; 2010. – № 12. – М. 828; 2012. – № 12. – М. 1006; 2015. – № 11. – М. 972; 2016. – № 1319.

эҷод мекунанд, инҳо номукаммалии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ, литсензиякунонӣ, сертификатсия, гузаронидани санҷишҳо, андозбандии субъектони хурду миёнаи соҳибкорӣ, содирот ва воридоти мол; норасоии захираҳои молиявӣ ва инвеститсионӣ; дараҷаи баланди коррупсия дар мақомотҳои давлатӣ; дараҷаи нокифояи омодагии касбии кадрҳои баландихтисоси мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорӣ; инфрасохтори сустинкишофёбандаи дастгирии соҳибкорон, махсусан навсоҳибкорон; ҳамкории заифи давлатӣ-хусусӣ; номукаммалии низоми қарздиҳӣ–молиявии дастгирии субъектони хурд ва миёнаи соҳибкорӣ; дараҷаи пасти истеҳсоли меҳнат ва ғайра мебошанд.

Низоми мавҷудаи қарздиҳӣ-молиявии дастгирии субъектони хурд ва миёнаи соҳибкорӣ дар ҶТ ҳанӯз то охир шакл нагирифтааст ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқат намекунад. Аз ҷумла, дар мавриди додани қарз ба субъектони хурду миёнаи соҳибкорӣ аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ фоизҳои баланд ва ба мӯҳлати хеле кам татбиқ мешаванд. Бинобар ин, ба субъектони хурду миёнаи соҳибкорӣ дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ маҳдуд карда шуда, дар натиҷа дар ҷумҳурӣ ҳолатҳои зерин мушоҳида мешаванд: дараҷаи пасти рушди корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ; истифодаи техника ва таҷҳизоти фарсудашудаи истеҳсолӣ; дараҷаи пасти истеҳсолоти технологӣ; сифати паст ва қобилияти рақобатпазирӣ надоштани молҳои истеҳсолшавандаи ватанӣ.

Мутобиқ бо Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030[1], Тоҷикистон чун давлати дорои иқтисоди кушода гирифтори таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ мебошад, ки метавонанд ба ноилшавӣ ба мақсади стратегӣ ва тасҳеҳи давраҳои инкишоф, таъсир расонад. Ситеза – ин ҳама вақт ба нафъи давлат мебошад, ба шарте ки чораҳои пешгирии мутобиқатшавӣ қабул гарданд. Дар ҳолати баръакс, онҳо ба таҳдид табдил мееёбанд. Барои Тоҷикистон мумкин аст ситезаҳои асосии зерин ҷудо карда шаванд: рақобатпазирии сусти иқтисоди миллӣ ҳамроҳ бо пойгоҳи технологии ақибмонда ва дараҷаи пасти фаъолнокии инноватсионӣ, технологияи фаромасрафи нирӯ ва олудакунанда, фарсудашавии баланди фондҳои асосӣ.

Дар кишвар, амалан механизми «маҷбуркунӣ» ба инноватсия ва раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти таҷрибавӣ-тарроҳӣ ҷой надорад; ҳиссаи пасти захираҳои дохилӣ ва

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=127827 (санаи муроҷиат: 02.10.2018).

инвеститсияҳо ба муосирсозии кишоварзӣ, саноатикунонӣ ва рушди инфрасохтор монеа эҷод мекунад; нокифоягии сифатнокии идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар соҳаи банақшагирии стратегӣ, имконияти коркард ва амалисозии сиёсат дар соҳаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро маҳдуд мекунад; иқлими начандон мусоиди бизнес, ки дар танзими барзиёд ва бесамар, коррупсия, сарбории баланди андозбандӣ ва маъмурикунии малоловари андозӣ, дараҷаи баланди инҳисоркунӣ, ҳимояи сусти ҳуқуқи моликият ва соҳибкорон, ифода меёбад.

Ҳарчанд, ки Тоҷикистон дар рӯйхати даҳгонаи давлатҳо оид ба бештарин пешравӣ дар ислоҳот оид ба дастгирии бизнес ҷой дорад, аз рӯйи рейтинги «Пешбурди бизнес 2016» ҷойи 132-умро ишғол мекунад, аз рӯйи «Пешбурди бизнес 2017» бошад, дар ҷойи 128-ум қарор дорад, аз рӯйи «Пешбурди бизнес 2018» дар ҷои 126 қарор дорад, ки ба рушди сусти ниҳодҳои дастгирии соҳибкорӣ далолат мекунад.

Дар натиҷа, захираи сармоягузорӣ ва содироти маҳсулот бо арзиши изофаи иловагардида пурра истифода намешавад. Имрӯз таъмини шароити мусоиди пешбурди бизнес, фароҳам овардани шароит барои ҳимоя ва кафолати ҳуқуқ ба моликият ва ҷалби сармоягузориҳо, идоракунии самараноки дороиҳои худӣ шартҳои зарурӣ барои инкишофи соҳаҳои авлавиятдоштаи иқтисодиёт мебошанд. Ҳамин тавр, нуктаҳои зикршуда ва ҳолатҳои дигар ба интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи мавзӯи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур «Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи соҳибкорӣ» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

**Сатҳи таҳқиқи мавзӯи диссертатсионӣ.** Солҳои охир ба таҳқиқи масъалаҳои танзими ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддии бисёр олимон қарор мегирад, ки дар байни онҳо метавон инҳоро қайд кард: А. Волнов, А.А.Павлов, А.Степанов, Б.Архипов, В.В.Витрянский, В.С. Ем, В.И.Синайсий, Г.Н. Давидов, Г. Шапкина, Г.Ф.Шершеневич, Д.И.Мейер, Е. Бакулин, Е. Дубовитская, Е.А.Суханова И.Л.Корнеев, К.Н.Анненков, К.Д.Кавелин, К.П.Победоностсева, Л.Фролов, М.И. Брагинский, Н.И.Коваленко, Н.И. Краснов, Н.Козлов, О.С.Иоффе, О.Ю.Шилохвост, С.Н. Братус,

С.Э. Жилинский, С.М.Попов, С.А. Хохлов, Т.И.Илларионов, Т.Д. Аиктулов, Ю.П.Свит, Ю.Тарасенко, Ю.А. Хорьков ва дигарон.

Асос ва тартиби қатъи фаъолияти соҳибкорӣ мавриди танзими санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногуни солҳои 2003 – 2019 гардид, ки ба хусусигардонӣ, муфлисшавӣ, азнавсозии корхонаҳои давлатӣ, қонунгузории зиддиинҳисорӣ мансуб мебошанд. Вале танзими ҳуқуқии қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ ҳанӯз дар адабиёти илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти амиқ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, ҳолатҳои зикргардида интихоби мавзӯи таҳқиқотро муайян намуданд. Хулосаҳои муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ, маводи илмӣ ва матбуоти даврӣ ба даст оварда шудаанд.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки вобаста ба масъалаҳои мафҳумҳо ва вижагиҳои ӯ ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ бавуҷудоянда, пайдо мешаванд.

**Предмети таҳқиқоти диссертатсиониро** таҳқиқи маҷмӯи ниҳодҳо ва муносибатҳо оид ба қатъи фаъолияти субъектони фаъолияти соҳибкорӣ, баррасии масъалаҳои асосии назариявии давомати ворисӣ, ошкорсозии нуқсонҳо дар қонунгузорӣ ва коркарди тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи татбиқи он ташкил медиҳад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили проблемаҳои илмӣ ва таҷрибавии танзими ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коркарди тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи мазкур ташкил медиҳад.

Барои расидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф иҷрои вазифаҳои зеринро матраҳ кардааст:

- асосноккунии моҳияти ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ва кафолати ҳуқуқи кредиторон;
- асосноккунии мафҳум ва вижагиҳои ӯҳдадориҳое, ки ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меоянд;
- таҳлили масъалаҳои қатъи фаъолияти соҳибкорӣ тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани табиати ҳуқуқии кафолати ҳуқуқи кредиторон ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ;
- таҳлили намудҳои алоҳидаи ӯҳдадориҳое, ки ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меоянд ва таҳқиқи масъалаҳои қатъи фаъолияти соҳибкори инфиродӣ;

- муайянсозии вижагиҳои ӯҳдадориҳои шахси ҳуқуқии тиҷоратии азнавташкилшаванда ва ӯҳдадориҳои шахси ҳуқуқии тиҷоратии барҳамдодашаванда дар назди кредиторон;

- таҳлил ва асоснокунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани ӯҳдадорӣ ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ;

- коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаи таҳқиқшаванда.

**Методологияи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Асоси методологии таҳқиқотро методҳои умумии маърифати илмӣ (диалектикӣ, шаклӣ-мантиқӣ, таҳлил, таркиб (синтез), хулосабарорӣ) ва методҳои махсуси таҳқиқот, ба монанди системавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, инчунин методи таҳлили компонентӣ ва методи мушоҳидаи бевосита ва тасвирӣ, ки истифодаи он ба муайянсозии вижагиҳои монанд ва фарқкунандаи нуктаҳои ҳолатҳои таҳқиқшаванда ёрӣ расонид, ташкил намуданд.

Истифодаи методи диалектикии шинохти воқеият имкон дод, ки проблемаи танзими ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушд ва ҳамкории мутақобила омӯхта шавад. Бо ёрии таҳлил ва таркиб аломатҳои муҳим ва хосиятҳои қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ошкор карда шуданд. Методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бошад, имкон дод, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар самти қатъи фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади ошкорсозии вижагиҳои умумӣ ва хосиятҳои махсуси он, муқоиса карда шаванд.

**Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили қонунгузории ватанӣ ва Россия ташкил дод, ҳамзамон асарҳои илмӣ-назариявии олимони соҳаи ҳуқуқи гражданӣ, ба монанди: А. Вольнов, А.А. Павлов, А. Степанов, Б.Архипов, В.В.Витрянский, В.С. Ем, В.И.Синайский, Г.Н. Давидов, Г. Шапкина, Г.Ф.Шершеневич, Д.И.Мейер, Е. Бакулин, Е. Дубовитская, Е.А.Суханов, И.Л.Корнеев, К.Н.Анненков, К.Д.Кавелин, К.П.Победоностсев, Л.Фролов, М.И. Брагинский, Н.И.Коваленко, Н.И. Краснов, Н.Козлов, О.С.Иоффе, О.Ю.Шилохвост, С.Н. Братус, С.Э. Жилинский, С.М.Попов, С.А. Хохлов, Т.И.Илларионов, Т.Д. Аиктулов, Ю.П.Свит, Ю. Тарасенко, Ю.А. Хорков ва дигарон.

Ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ муфассал аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, азҷумла Ш.К. Ғаюров, А.Д. Ғафуров, М.З. Раҳимзода, Ш.М. Исмоилов, Ш.М. Менглиев, В.А. Ойгензихт, Д.Ш. Сангинов, Т.И. Султонова ва дигар олимон, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Заминаи меъёрии ҳуқуқии таҳқиқоти диссертатсиониро** қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали монографии илмӣ оид ба танзими гражданӣ-ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Нахустин бор дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар диссертатсия маҷмӯи масоили бо моҳияти ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ва кафолати ҳуқуқи кредиторон алоқаманд, ки ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меоянд, масъалаҳои қатъи фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, намудҳои алоҳидаи ӯҳдадориҳое, ки ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд ва проблемаҳои қатъи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани ӯҳдадориҳои бавуҷудояндаи ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифта, вобаста ба такмили қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳқиқшаванда, пешниҳодҳои муфид ифода гардидаанд.

Таҳлили илмии масъалаҳои қатъи фаъолияти соҳибкорӣ барои бартараф намудани проблемаҳои ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷодкунанда, равона гардидааст.

**Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд:**

1. Зери мафҳуми барҳамдиҳӣ чунин равиши қатъи фаъолияти субъекти соҳибкорӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷа дар оянда ҳар гуна шакли фаъолият ва гузариши молумулк ба ворисон номумкин аст.

2. Дар зери мафҳуми азнавташкилдиҳӣ қатъи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ бо гузариши маҷмӯи ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳо ба ворис, бо тартиби варосати умумӣ фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми ворис шахси ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки ба ӯ ҳамаи ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилшаванда мегузаранд.

3. Фарқияти муҳим байни барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳӣ дар он аст, ки дар ҳолати аввал қатъи пурраи фаъолияти субъект, дар ҳолати дувум бошад, қатъи фаъолияти он дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии муайян амалӣ мегардад. Дар ҳар ду ҳолат фаъолияти субъект қатъ гардида, он дигар вуҷуд надорад. Вобаста ба барҳамдиҳии субъект фаъолияти ӯ қатъ мегардад, дар мавриди азнавташкилдиҳӣ бошад, фаъолияти ӯ тамдид карда мешавад, вале на дар шакли қаблӣ, балки дар шакли нави ташкилӣ-ҳуқуқии субъект. Яъне бояд қайд кард, ки фарқияти асосии ин воситаҳои қатъи фаъолияти субъектон (барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳӣ) дар оқибати ҳуқуқии воқеияти қатъи мавҷудияти он, мавҷуд будан ё набудани варосат ифода меёбад.

4. Катъи фаъолияти субъекти соҳибкорӣ метавонад бо тартиби ихтиёрӣ ва маҷбурӣ тибқи қарори соҳибмулк ё шахсони ваколатдори онҳо, асосгузорони субъект ё ворисони онҳо, инчунин дар ҳолатҳои дар қонунгузорӣ муқарраргардида – бо қарори суд амалӣ гардад. Нисбат ба субъектони хоҷагидории шакли ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун «шахсони ваколатдор» оид ба қабули қарор дар бораи қатъи фаъолияташон масалан, барои корхонаҳои давлатӣ – мақомоти ваколатдори давлатӣ мебошанд. Барои субъектони шакли коллективии моликият ин маҷлиси умумӣ дар ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳо, корхонаҳои коллективӣ мебошад. Барои субъектони моликияти хусусӣ – шахси воқеӣ ҳамчун соҳибмулки амвол.

5. Бояд ба зарурати танзими қонунии масъалаҳои асосҳои қатъшавӣ таваҷҷӯҳ гардад. Хотимаёбии мӯҳлате, ки ба он шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст, инчунин ноилшавӣ ба мақсад бояд ҳамчун асосҳои мустақили қатъшавӣ баррасӣ гарданд, ки қабули қарори иловагиро аз ҷониби иштирокчиён ё маъмурияти шахси ҳуқуқӣ, талаб накунад. Барои муқаррар намудани ҳолатҳои номбурда бояд ба моддаи 62 КГ ҶТ тағйирот ворид карда шавад.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки дар ҳолати ошкор шудани амвол баъд аз барҳамдиҳии қарздор, расмиёти нави аз нав оғоз намудани истеҳсолоти парванда, дар асоси азнавбарқароркунӣ ва бартараф кардани талаботи минбаъда, ба қонунгузории амалкунанда ворид карда шавад.

7. Зарур аст дар чараёни танзими ҳуқуқии азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳимояи ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба манфиати иштирокчиёни гардиши хоҷагидории бовиҷдон (кредиторон) тақвия дода шавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода мегардад, ки пешниҳодҳои илмии аз ҷониби муаллиф тавсиягардида, метавонанд дар пажӯҳишҳои илмииояндаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода шаванд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои асосии он метавонанд дар раванди таълим ҳангоми тадриси фанҳо ва курсҳои махсус, ба монанди «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи тиҷорат», «Танзими ҳуқуқии муфлисшавӣ», истифода шаванд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва маъқул дониста шуда, дар мақолаҳои илмии муаллиф, баромадҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ

бахшида ба 20 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2014, ш.Душанбе, ДСҶТ), дар конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба 20 солагии қабули Конститутсияи ҶТ (соли 2014, ш.Душанбе, ДМТ), дар конфронси байналмилалии илмию амалии V (соли 2017 ш.Душанбе, ДРСТ), дар конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (8 июни соли 2019), инъикос ва ифода гардидаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 162 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МӮҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он, предмет, объект, мақсад, вазифаи таҳқиқот ва масъалаҳои асосии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда шудаанд, асосҳои назариявӣ ва амалии рисола ҳаллу фасл гардидаанд, нав будани мавзӯи кори илмӣ қайд шуда, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя гузошташуда муайян шудааст, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва тасвиби онҳо баён гардидаанд.

Боби якуми рисола **“Моҳияти ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ва кафолати ҳуқуқи кредиторон”,** ки аз се зербоби алоҳида иборат аст, асосан мафҳум, моҳият ва мазмуни фаъолияти соҳибкорӣ, кафолати татбиқи он, қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ, зери таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми боби аввали рисола **“Мафҳум ва вижагиҳои ӯҳдадориҳое, ки ҳангоми қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд”** таҳлили муфассали ӯҳдадориҳое, ки ҳангоми қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд, гузаронида шудааст.

Ба андешаи муаллиф, табиати ҳуқуқии муносибатҳои ӯҳдадоркунанда чунин аст, ки мавҷудияти он вобаста ба вақт маҳдуд мебошад. Қайд мегардад, ки ҳангоми вуҷуд доштани ҳолатҳои муайян, ӯҳдадориҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ қатъ мегарданд. Ин ҳолат дар сурате ба вуқӯъ мепайвандад, ки ҳамаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мӯҳтавои онро ташкилкунанда, дар ҳаҷми пурра амалӣ гарданд.

Дар зербоби мазкур муаллиф таърихи ин падидаро таҳлил намуда иброз медорад, ки мақулаи (категорияи) қатъи ӯҳдадориҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ҳанӯз аз замонҳои ҳуқуқи римӣ маълум аст. Вале мегӯяд ӯ, аз

ҷониби ҳуқуқшиносони Рим танҳо тарзҳои қатъи онҳо баррасӣ мегардиданд, ки ба ду гурӯҳ тасниф мешуданд, яъне «ба онҳое, ки таъсири (эффект) ipso jure (бинобар қонун) ба вуҷуд меоваранд ва кредиторро аз ҳуқуқи талаб маҳрум мекунанд ва онҳое, ки таъсири (эффект) ope exceptionis (бинобар экссепсия), яъне истисно ба вуҷуд меоранд ва талаби кредитор боқӣ мемонад, вале метавонад бо эътирози даъвоӣ (exceptio) вобаста ба хоҳиши қарздор рад карда шавад».

Дар даврони классикии ҳуқуқи римӣ ба гурӯҳи аввали равишҳои қатъи ӯҳдадорӣ: иҷрокунӣ (воқеӣ ё рамзӣ), ивази иҷроиш (аз рӯйи назарияи сабиниансҳо, ки имконияти қатъи ӯҳдадориро бо розигии кредитор ба ҷойи мавриди ӯҳдадорӣ арзиши дигар пешниҳод намудан), навоварӣ, баррасии судии қонунӣ, ки дар натиҷаи он муроҷиати дубора бо даъво истисно мешуд, вобаста ба худи ҳуқуқ ё ба воситаи эътирози даъвоӣ дар хусуси он, ки талабот пештар мавриди баррасии судӣ гардида буд, баромад намудани кредитор ва қарздор дар шахси як нафар, асосҳои рақобат ва дигарҳо дохил мешуданд. Гурӯҳи дуюм асосҳои зеринро дар бар мегирад: баррасии судӣ, дар асоси ҳокимияти магистрат, ки дар натиҷаи он имконияти муроҷиати такрорӣ бо талаботи даъвоӣ вобаста ба худи ҳуқуқ пайдо мешавад, вале он бояд бо эътирози даъвоӣ оид ба қабули қарори судӣ аз рӯи парвандаи мазкур ё дар хусуси он, ки вай мавриди баррасии судӣ гардидааст, ивази иҷроиш (аз рӯйи назарияи прокулиансҳо, ки тибқи он қарздор ӯҳдадор боқӣ мемонад ва бояд аз даъвои кредитор оид ба эътироз дар хусуси қасди бад худро ҳимоя кунад), қарордоди тарафҳо оид ба пешниҳод накардани талабот, рад карда шавад.

Минбаъд муҳаққиқ илова менамояд, ки қатъи ӯҳдадорӣ ба воситаи ба ҳисоб гирифтан танҳо бо салоҳдиди судя иҷозат дода мешавад. Ҳолати мазкур оид ба тафриқаи мураттаби асосҳои таснифи равишҳои қатъи ӯҳдадорӣ вобаста аз мавҷудияти ҷанбаи моддӣ ё мурофиавии талаботи ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад. Дертар мазмуни таснифи мазкур ҳифз гардида, танҳо нисбат ба он, ки суд ҳуқуқ надорад бо салоҳдиди худ ба асосҳои мавҷудбудаи қатъи ӯҳдадорӣ, ки ҷанбаи мӯҳтавои мурофиавии талаботи ҳуқуқӣ дорад, бе дастури дахлдори қарздор таваҷҷӯҳ намояд.

Минбаъд муаллиф, бо назардошти таърифҳои дар адабиёт овардашуда қатъи ӯҳдадории гражданӣ-ҳуқуқиро ҳамчун аз миён рафтани робитаи ҳуқуқӣ байни кредитор ва қарздор, ки дар натиҷа ҳуқуқ ва ӯҳдадории мутақобила, ки мӯҳтавои муносибатҳои ӯҳдадоркунандаро ташкил медиҳанд, бидуни пайдоиши дигар оқибатҳои ҳуқуқӣ аз миён мераванд (ҳуқуқ ба ситонидани ҷуброни зарар, ҷаримаи дерпардохт, ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ дар шаклҳои дигар ва ва ғ.) мефаҳмад.

Ба андешаи муаллиф, қабули қарор оид ба барҳамдиҳӣ ва таъини комиссияи барҳамдиҳӣ ба тағйири қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ боис мегардад: мақсади ягонаи фаъолияти он барҳамдиҳии ҳарчи зудтари шахси ҳуқуқӣ мегардад, бинобар ин комиссия танҳо он амалеро бояд анҷом диҳад, ки баҳри амалисозии мақсади мазкур равона гардидааст. Иқдоми нахуст дар ин самт қатъи ӯҳдадориҳои шахси ҳуқуқӣ нисбат ба кредиторҳои он мебошад. Бо ин мақсад комиссияи барҳамдиҳӣ кредиторҳоро маълум намуда, онҳоро дар хусуси барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ хаттӣ огоҳ менамояд. Барои муайян намудани ҳамаи кредиторҳо, инчунин дар хусуси барҳам дода шудани шахси ҳуқуқӣ, тартиб ва мӯҳлати пешниҳоди даъво аз ҷониби кредиторон, комиссияи барҳамдиҳӣ дар расонаҳо хабар паҳн мекунад.

Дар интиҳои зербоб, муаллиф андеша дорад, ки қонунгузории танзимкунандаи қатъи фаъолияти субъектони соҳибкорӣ хусусияти бисёртаркиба ва гуногуншаклии сарчашмаи ҳуқуқ (кодекс, қонун, фармони Президент, қарори Ҳукумат), санадҳои амали умумӣ ва соҳавидошта, дорад. Ҳамаи ин дарки назариявӣ ва татбиқи амалии меъёрҳои дахлдори ҳуқуқро осон намекунад.

Дар зербоби дуюми боби аввали рисола “**Мафҳуми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон”** – рисоланавис асосҳои ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкории субъекти ҳуқуқи гражданиро зери таҳлил қарор дода, оид ба мавҷудияти низоми қонунгузории ватанӣ қайд менамояд, ки қатъи фаъолияти соҳибкории субъекти ҳуқуқи гражданӣ бо шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим мешавад, ки ба зумраи онҳо КГ ҶТ, Кодекси андози ҶТ, қонунҳои ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Дар бораи муфлисшавӣ», «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд», «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» ва ғайра шомил мебошанд.

Дар ҷараёни гузаронидани таҳлил, муаллиф тафовути байни барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳро муайян намуда қайд менамояд, ки дар натиҷаи барҳамдиҳӣ қатъи пурраи тамоми фаъолияти субъектони соҳибкорӣ амалӣ мешавад ва дар азнавташкилдиҳӣ бошад, танҳо қатъи фаъолияти он дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии муайя сурат мегирад.

Ба андешаи муаллиф, дар ҳар ду ҳолат ҳам фаъолияти субъект қатъ гардида, ӯ дигар амал намекунад. Дар натиҷаи барҳамдиҳии субъект фаъолияти ӯ қатъ мегардад, дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ бошад, фаъолияти ӯ тамдид мешавад, вале на дар шакли пештара, балки дар шакли нави ташкилӣ-ҳуқуқии субъект. Яъне, бояд қайд кард,

ки тафовути асосии ду шакли қатъи субъект (барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳӣ) аз оқибати ҳуқуқии воқеияти қатъи амали онҳо, яъне мавҷуд будан ё набудани ворис вобаста аст.

Азнавташкилдиҳӣ ба андешаи муҳаққик, қатъи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он ҳамаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои он тибқи тартиби ҳуқуққабулкунии умумӣ ба ворис мегузаранд. Ба ҳайси ворис  шахси ҳуқуқие баромад мекунад, ки ба он ҳамаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилшуда мегузаранд. Моддаи 58 КГ ҶТ панҷ шакли қатъи фаъолияти субъектро муқаррар мекунад: якҷоякунӣ, ҳамроҳсозӣ, тақсимкунӣ, ҷудокунӣ ва табдилдиҳӣ.

Ба андешаи муаллиф, зери мафҳуми барҳамдиҳӣ чунин воситаи қатъи фаъолияти субъекти соҳибкорӣ фаҳмида мешавад, ки дар оянда ҳеҷ як намуди фаъолият ва гузариши моликият ба ворис ғайриимкон аст.

Муаллиф қайд менамояд, ки асосҳои қатъи фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва фаъолияти соҳибкории шахсони воқеӣ – соҳибкорон дар моддаи 62 КГ ҶТ муқаррар карда шудааст. Дар моддаи мазкур қонунгузор ду асосро ҷудо мекунад: якум – қатъшавӣ бо тартиби ихтиёрӣ ва дуюм – қатъшавӣ бо тартиби маҷбурӣ.

Илова мешавад, ки таърифи муфассал ва дақиқи асосҳои бақайдгирии давлатии қатъи фаъолияти субъектон дар Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» оварда шудааст. Дар он ба таври мушаххас асоси қатъи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкории шахси воқеӣ, тақсим карда шудааст. Мутобиқи меъёрҳои Қонуни мазкур, қатъи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ бо тартиби ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад:

- бо қарори соҳибмулк ё мақомоти ваколатдор, бо қарори шахсони дигар – муассисони субъекти хоҷагидорӣ ё ворисони онҳо бидуни нишон додани сабаби қабули қарори мазкур бо аризаи шахсӣ;
- дар мавриди расидан ба мақсад ва вазифаҳои дар ҳуҷҷатҳои муассисӣ муқарраргардида, ки барои он шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шуда буд;
- дар сурати ба итмом расидани мӯҳлате, ки барои он фаъолияти шахси ҳуқуқӣ, ҳисоб карда шуда буд.

Дар ҳамин зербоб, ҳамчунин асосҳои тартиби маҷбурии қатъи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ бо қарори суд оварда шудааст, ки ба онҳо дохил мешаванд:

- беэътибор донистани сабт оид ба бақайдгирии давлатӣ вобаста ба вайронкунии қонун, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ содир гардидааст ва онро бартараф кардан имконпазир нест;

- амалисозии фаъолияте, ки хилофи ҳуҷҷатҳои таъсисдиҳӣ ва қонунгузорӣ мебошад;

- мутобиқат накардани ҳаҷми ҳадди ақали фонди таъсисии шахси ҳуқуқӣ ба талаботи қонун;

- мавҷуд будани сабт дар Реестри ягонаи давлатӣ оид ба набудани шахси ҳуқуқӣ дар макони нишондодашуда;

- эътирофи беэътиборӣ ё хилофи қонунгузорӣ будани ҳуҷҷатҳои таъсисдиҳӣ;

- муфлисшуда эътироф намудани субъекти фаъолияти соҳибкорӣ (дар ҳолатҳои дар қонунгузории амалкунанда пешбинигардида);

- дар давоми сол ба мақомоти андоз пешниҳод накардани эъломияи андоз, ҳуҷҷатҳои ҳисоботии молиявӣ тибқи қонунгузорӣ.

Дар интиҳои зербоб қайд карда мешавад, ки таҳлили меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» онро тасдиқ мекунад, ки қонунгузории граждани барои нопурра танзим гардидани расмиёти барҳамдиҳӣ маҷбур аст иловатан қонунҳои алоҳида барои танзими чунин муносибатҳо қабул намояд. Вале норасоии асосии қонунгузор дар он аст, ки меъёрҳои ин қонунҳо дар баъзе ҳолат ба КГ ҶТ мухолифат мекунанд. Аз ин рӯ, ба фикри муаллиф, барои бартараф кардани ин ихтилофҳо КГ ҶТ бо якчанд моддаҳо оид ба барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва маҷбурӣ илова карда шавад ва қабули қонуни алоҳида вобаста ба масъалаи мазкур шарт нест.

Дар зербоби сеюми боби аввали рисола “**Кафолати ҳуқуқи кредиторон ҳангоми қатъшавии фаъолитяи соҳибкорӣ”** – диссертант масъалаи татбиқи кафолатҳои ҳуқуқи кредиторон ҳангоми қатъшавии фаъолитяи соҳибкорро банду баст намудааст.

Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур қайд мешавад, ки ҳимояи ҳуқуқи кредиторон асоси амалишавии самаранок ва устувори амалкарди мубодилаи молумулкӣ мебошад. Дар ҳолати баръакс ҳолатҳои сӯистифода аз ҷониби қарздорон амали маъмулӣ гардида, иҷроиши шартномаро, ки дар он ҳарду тараф манфиатдоранд зери суол мегузорад. Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кредиторон дар муносибатҳои ӯҳдадорӣ бо ёрии воситаҳои умумии ҳимояи дар моддаи 12 КГ ҶТ пешбинигардида ва ҳам бо ёрии меъёрҳои махсуси дар бобҳои алоҳидаи КГ ҶТ оид ба ӯҳдадорӣ ва қонунҳои махсус пешбинигардида, таъмин карда мешаванд.

Минбаъд муҳақиқ воситаҳои таъмини ҳифзи кредиторонро таҳлил намуда илова менамояд, ки равишҳои умумиграждании ҳимоя ҷанбаи хусусияти диспозитивӣ дошта, аз ҷониби тарафҳо мумкин аст, иваз карда шаванд. Ҳуқуқҳои дар қ.2 м.61 КГ ҶТ муқарраршудаи кредитор дар хусуси талаб намудани қатъ ё иҷрои пеш аз мӯҳлати ӯҳдадорӣ, ки аз рӯи он ҳамин шахси ҳуқуқӣ қарздор мебошад, инчунин

ҷуброни зиён ӯро аз бастани созиш бо қарздор бо дарназардошти тартиб ё ҳаҷми ҷуброни зарари бо талаб пешомада, маҳрум намекунад. Ҳамин тавр, дар созиши тарафҳо мумкин аст имконияти ҷуброни зарар дар ҳаҷми кам ба назар гирифта шавад (танҳо ҷуброни воқеӣ). Ғайр аз ин, нисбат ба зарар ҷанбаи ҷаримаи дерпардохти пешбинигардида низ муайян карда мешавад (санҷишӣ, ҷаримавӣ, алтернативӣ).

Дар баробари ин қайд мегардад, ки ҳолатҳои умумии КГ ҶТ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи кредиторон дар дараҷаи баробар ба ҳолатҳои азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ низ дахл доранд. Дар лаҳзаи азнавташкилдиҳӣ шахси ҳуқуқӣ (қарздор) метавонад соҳиби шумораи зиёди ӯҳдадорӣ дар назди кредиторон гардад, ки мӯҳлати иҷроиши онҳо ҳанӯз нарасидааст.

Амалан, ҳамаи равишҳои таъмини иҷроиши ӯҳдадорӣ, дар сурати татбиқи онҳо ба кредитор равишҳои иловагии ҳимоявӣ дода метавонанд. Бинобар ин, мумкин аст таъмини талаботи кредиторон оид ба пеш аз мӯҳлат иҷро кардан ё қатъи ӯҳдадорӣ ва ҷуброни зарар ҳангоми азнавташкилдиҳии қарздор бо нишон додани равиши дахлдор дар шартнома (гарав, нигоҳдошт, кафолат, кафолати бонкӣ, байъона ва ғ.) пешбинӣ карда шавад.

Дар зербоби мазкур, ҳамчунин яке аз равишҳои таъмини иҷроиши ӯҳдадорӣ - гарав баррасӣ гардидааст. Муаллиф иброз медорад, ки моҳияти гарав дар он аст, ки гаравдоранда ҳуқуқ пайдо мекунад дар сурати аз ҷониби қарздор иҷро нагардидани ӯҳдадорӣ, аз ҳисоби моликияти ба гаравмондашуда талаботи худро қонеъ намояд, афзалан дар назди дигар кредиторон мебошад, агар қонун ҳолати дигарро муқаррар накунад. Асосан, гарави молу мулки ғайриманқул муътамад аст, чунки истеҳлоки он мӯҳлати дуру дарозро дар бар гирифта, коҳишёбии босуръати арзиши он ғайриимкон аст. Вале лозим ба ёдоварист, ки гарави молу мулки ғайриманқул норасоии назаррас низ дорад, яъне маҳз ҳуқуқи гаравдоранда ба харидории молу мулки ғайриманқули ба гарав гузошташуда дар ҳолати татбиқи рӯёниши предмети гарав. Ҳамин тавр, мувофиқи қ. 4, м. 379 КГ ҶТ «ҳангоми эълони музоядаи баргузорнашуда, гаравдоранда метавонад дар мувофиқа бо гаравдиҳанда молу мулки ба гарав мондашударо харидорӣ намояд ва ба арзиши он талаботи худро, ки бо гарав таъмин гардидаанд, қонеъ намояд. Нисбат ба чунин шартнома қоидаи шартномаи хариду фурӯш татбиқ мешавад».

Аз нуктаҳои дар боло қайдгардида чунин бармеояд, ки гаравдоранда метавонад молу мулки ғайриманқулро бо мувофиқаи гаравдиҳанда харидорӣ намояд. Мушкилӣ дар он аст, ки дар бисёр ҳолатҳо гаравдиҳанда аз бастани созиш бо гаравнигоҳдоранда даст мекашад ва дар натиҷа охирин наметавонад аз ҳуқуқи худ истифода

барад. Бинобар ин, бо мақсади «эҳёбахшии» моддаи мазкур, ба ақидаи мо бояд аз қ. 4, м. 379 КГ ҶТ ибораи «бо созиши гаравдиҳанда» хориҷ карда шуда, моддаи мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шавад «дар сурати эълони музоядаи баргузорнашуда, гаравнигоҳдоранда метавонад молу мулки ба гаравмондаро харидорӣ намояд ва аз ҳисоби нархи харидорӣ талаботи худро, ки бо гарав таъмин гардидааст, қонеъ намояд. Ба чунин шартнома қоидаҳои шартномаи хариду фурӯш татбиқ карда мешавад».

Дар интиҳои зербоб муаллиф хулоса намудааст, ки дар асоси нуктаҳои дар боло зикргардида мувофиқи мақсад мебуд, агар дар қонунгузорӣ чораҳои ба муайянкунандаи қарздор мусоидаткунанда, муқаррар карда шаванд; минбаъд пешгирии татбиқи чораҳои ҷавобгарии муштарак, дар ҳолати зарурӣ муқаррар шавад, татбиқи онҳо – тавсеаи самти татбиқи онҳо, бо имконияти истифодаи қиёси қонун.

Барои ин пешниҳод мешавад, ки ба моддаи 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» тағйирот дар хусуси он ворид карда шавад, ки шахси ҳуқуқии азнавташкилшаванда дар сурати азнавбақайдгирӣ бояд ба мақомоти бақайдгирӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи арзиши дороиҳоеро, ки имконияти истифодаи воқеии онҳоро барои истифодаи ӯҳдадорӣ дар назди кредиторон нишон медиҳад, пешниҳод намояд. Дар ин ҳол додани дороиҳо дар намуди қарзи дебиторӣ бо мӯҳлатҳои гузаштаи даъво, наметавонад ҳамчун додани дороиҳо баррасӣ гардад. Якҷоя бо санади варосат ба мақомоти бақайдгирӣ хулосаи аудитори мустақил пешниҳод карда мешавад ва аз он бояд барояд, ки нархи дороиҳои холиси ҷамъият, ки аризадиҳанда хоҳиш дорад он бақайд гирифта шавад, на танҳо аз сармояи оинномавӣ, балки аз сармояи қарзҳои ин ҷамъият низ зиёдтар бошад.

**Дар боби дуюми таҳқиқот “Намудҳои алоҳидаи ӯҳдадориҳое, ки ҳангоми қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд”** масъалаҳои қатъшавии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ва пайомадҳои ҳуқуқии он, ҷабҳаҳои алоҳидаи вижагиҳои ӯҳдадориҳои шахси ҳуқуқии тиҷоратии азнавташкилшаванда, ӯҳдадории шахси ҳуқуқии тиҷоратии барҳамдодашаванда дар назди кредиторон ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои риоя накардани ӯҳдадориҳое, ки ҳангоми қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд, ҳаллу фасл гардидаанд.

Боби мазкури рисола аз чор зербоби алоҳида иборат аст. Дар зербоби аввали он **“Қатъшавии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ва пайомадҳои ҳуқуқии он”** муаллиф сараввал оид ба механизми қатъи фаъолияти соҳибкори инфиродиро ҳамчун субъекти соҳибкории хурд, ки бо фавти ӯ алоқаманд аст, истода гузаштааст. Ба андешаи муаллиф,

дар ин сурат бақайдгирии давлатии қатъи фаъолият дар асоси маълумоти ба мақомоти бақайдгиранда оид ба фавти шахси дахлдор расида, амалӣ карда мешавад.

Минбаъд муаллиф иброз медорад, ки агар қатъи ихтиёрии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ додани аризаи дахлдорро бо пардохти пешакии боҷи давлатӣ ба мақомоти бақайдгиранда талаб кунад, дар ин сурат қатъи маҷбурии фаъолияти соҳибкор аз маҷмӯи амалҳои муайян иборат аст.

Ба ақидаи муҳаққиқ, Қонун вижагии қатъи фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродиро дар робита бо ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд, ки бо он ҷазо дар намуди маҳрум намудани ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба мӯҳлати муайян дода шудааст, муқаррар мекунад.

Дар сурати фавти шахси воқеӣ, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст, аз ҷониби суд муфлис эътироф намудан, бо тартиби маҷбурӣ қатъи фаъолияти соҳибори инфиродӣ бо қарори суд, ба қувваи қонуни даромадани ҳукми суд, ки бо он ҷазо дар намуди маҳрум кардани ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба мӯҳлати муайян таъйин карда шудааст, бақайдгирии давлатии қатъи чунин шахс ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз лаҳзаи фавт, аз ҷониби суд қабул муфлисшуда эътироф кардан ё бо тартиби маҷбурӣ қатъ намудани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд ва ғайра қатъ мегардад.

Илова мешавад, соҳибкори инфиродие, ки оид ба қатъи фаъолияташ қарор қабул намудааст, ба мақомоти бақайдгиранда аризаи шакли тасдиқгардида оид ба бақайдгирии давлатии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин ҳуҷҷат оид ба пардохти боҷи давлатиро пешниҳод мекунад. Бо назардошти андешаҳои олимони соҳа, муаллиф андеша дорад, ки ҷорикунии боҷи давлатӣ барои бақайдгирии давлатии далели қатъи фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шаҳрванд ба гумон аст, ки ба афзоиши шумораи соҳибкорони бо чунин ариза ба мақомоти андоз муроҷиаткунанда мусоидат кунад», барои ин дар таҷриба ҳолатҳое мешаванд, ки соҳибкори инфиродӣ бе муроҷиат ба мақомоти андоз фаъолияти худро қатъ мекунад.

Дар фарҷоми зербоб қайд мегардад, ки чунин тартиби бештар соддакардашудаи аз ҷониби шаҳрванд аздастдиҳии вазъи соҳибкорӣ дар тафовут аз ташкилотҳои тиҷоратӣ бо он тавзеҳ мешавад, ки бо аздастдиҳии чунин ҳолати ҳуқуқӣ шаҳрванд шахси ҳуқуқӣ-субъективӣ боқӣ мемонад, ки имконияти аз рӯи ӯҳдадории худ, ҳатто вобаста ба фаъолияти соҳибкории пештар бавуҷудомада ҷавоб доданро дорад. Бояд қайд кард, ки қатъи маҷбурӣ маънои дар оянда қатъиян аз ҷониби шахси воқеӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулшуда натавонистанро

надорад. Таҳлили Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба чунин хулоса меорад, ки шахси воқеӣ баъди қатъи маҷбурии фаъолияти иқтисодиаш, метавонад аз нав бо ариза оид ба бақайдгирӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, баъди як соли аз ҷониби мақомоти бақайдгиранда қабул гардидани қарор оид ба қатъи маҷбурии фаъолияташ, муроҷиат намояд.

Ба андешаи муҳаққиқ, қатъи фаъолияти соҳибкори инфиродӣ – ин қатъи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ бо ворид намудани тағйироти дахлдор ба Реестри ягонаи давлатӣ мебошад. Пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» мафҳуми мазкур илова карда шавад.

Дар зербоби навбатии боби дуюми рисола: **“Вижагиҳои ӯҳдадориҳои шахси ҳуқуқии тиҷоратии азнавташкилшаванда”** муҳаққиқ масъалаҳои ба ӯҳдадориҳои шахси ҳуқуқии тиҷоратии азнавташкилшаванда вобастаро зери таҳлил қарор додааст.

Дар оғози зербоб муаллиф пешниҳод дорад, ки азнавташдилдиҳӣ – яке аз расмиёти татбиқшаванда дар ҷараёни фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ мебошад. Ба андешаи ӯ, ин ҳолат бо шартҳои низоми иқтисодӣ, ки дар асоси рақобат ташкил шудааст, инчунин шароити иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар он шахсони ҳуқуқӣ мавҷуданд, тавзеҳ карда мешавад.

Минбаъд, муҳаққиқ маълумотҳои омории Тоҷикистонро вобаста ба азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқиро муфассал таҳлил намуда панҷ намуди азнавташкилдиҳро, ки дар меъёрҳои моддаи 58 КГ ҶТ муқаррар карда шудаанд, овардааст: якҷоясозӣ, ҳамроҳсозӣ, тақсимкунӣ, ҷудокунӣ, табдилдиҳӣ.

Дар зербоби мазкур, азнавташкилдиҳӣ ба воситаи дигаргунсозӣ низ қайд карда мешавад. Муаллиф ақида дорад, ки азбаски айни ҳол дигаргунсозии шахси ҳуқуқӣ бевосита бо мақсади кофтукови бенатиҷаи шахсияти ҳуқуқӣ дар шароити тезтағйирёбандаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад (мутобиқ намудани ҳуҷҷатҳои таъсисӣ бо қонунгузорӣ, мутобиқсозии шакли ташкилӣ-ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ ба шумораи иштирокчиёни қонун муқарраркарда, рад намудани қисми зиёди ҷамъиятҳои саҳомӣ оид ба бақайдгирии давлатии барориши саҳмияҳо ва ҳисобот оид ба паҳнкунии он ва ҳоказо), аз ин рӯ, ошкор кардани мақсадҳои аслӣ барои қатъи шахси ҳуқуқӣ дар натиҷаи дигаргунсозии он ғайриимкон аст.

Муаллиф дар зербоби мазкур, ҳамчунин имконияти азнавташкилдиҳӣ бо тартиби ихтиёрӣ ва маҷбуриро банду баст намудааст. Қайд мегардад, ки айни ҳол якчанд ҳолати азнавташкилдиҳии маҷбурӣ бо қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ

